**ТАҚРИЗ**

**ба фишурдаи диссертатсияи Юсупова Мусабе Исломовна дар мавзуи «Ҷанбаҳои фолклории эҷодиёти Раҳим Ҷалил ва нақши онҳо дар тафаккури бадеӣ ва услуби эҷодии нависанда», аз рӯйи ихтисоси 10.01.00 – Адабиётшиносӣ (10.01.09. – Фолклоршиносӣ, 10.01.01. – Таърихи адабиёти тоҷик), ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ пешниҳод шудааст.**

Фолклор чун ҷузъи ҷудонашавандаи фарҳанги миллии мардуми тоҷик ҳамеша диққати олимону донишмандонро ба худ ҷалб намудааст. Таҷрибаи бисёрсолаи гирдовариву китобати осори фолклор ва такмили бадеии онҳо дар эҷодиёти нависандагони кишварҳои гуногун сурати раванди омӯзиши ин мавзуъро вусъат бахшидааст. Омӯзиши ҷанбаҳои фолклории осори як қатор нависандагон аз ҷумлаи ибтикороти хуби илмӣ ба ҳисоб рафта, дар ин замина як зумра рисолаҳои диссертатсионӣ ба миён омадаанд.

Диссертатсияи унвонҷӯ Юсупова Мусабе Исломовна таҳти унвони «Ҷанбаҳои фолклории эҷодиёти Раҳим Ҷалил ва нақши онҳо дар тафаккури бадеӣ ва услуби эҷодии нависанда», ки барои дифоъ пешниҳод шудааст, аз ҳамин ҷиҳат арзиши назаррраси илмӣ дорад.

Мавзуи мазкур – чашмандози нависанда ба фолклор чун сарчашмаи файзбахшу таъсиррасони асари бадеӣ аз нигоҳи зарурат ва арзиши илмиву амалӣ дар фолклоршиносӣ хеле муҳим буда, дар заминаи таҳқиқи ҷанбаҳои фолклории эҷодиёти ин нависанда то андозае тоза ва нав мебошад.

Тавре дар автореферат қайд шудааст, диссертатсия аз қисми муқаддимавӣ, се боб, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот ва феҳрасти адабиёт иборат мебошад, ки ба талаботи таснифи рисолаҳои илмӣ мувофиқ аст.

Дар муқаддима зарурат ва дараҷаи таҳқиқи мавзуъ вобаста ба талаби таснифи рисолаи илмӣ ба миён гузошта шуда, робитаи таҳқиқ бо барномаҳо ва мавзуъҳои илмӣ, мақсад ва вазифаҳо, объект, предмет, асосҳои назарӣ, амалӣ ва методологӣ, сарчашмаҳо ва навгониҳои илмии таҳқиқ, мутобиқати диссертатсия бо шиносномаи ихтисос, саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ ва эътимоднокии натиҷаҳои диссертатсия равшан инъикос ёфтаанд. Ҳар як нуктаи ба ҳимоя пешниҳодшаванда бо назардошти низоми муайян фароҳам омадааст.

Муаллиф бо такя ба назарияҳои илмӣ ва афкори фолклоршиноси тоҷик ва хориҷи кишвар роҷеъ ба ҷанбаҳои фолклории эҷодиёти Раҳим Ҷалил ва нақши онҳо дар тафаккури бадеӣ ва услуби эҷодии нависанда иттилои

расову муфассал дода, ба осори нависанда бо назардошти решаҳои амиқи миллӣ ва тафаккури бадеии халқ рӯй овардааст.

Муаллиф ба ин муносибат эҷодиёти шифоҳиро маҳсули тафаккури бадеии халқ ба ҳисоб оварда, ҷойгоҳи онро дар асарҳои нависанда «боиси нерӯмандии ҷанбаҳои бадеӣ, зуҳури вежагиҳои тозаи услубӣ ва таҳкими халқияти онҳо» маънидод менамояд ва дуруст қайд мекунад, ки «офаридаҳои ғаноманди миллӣ аз оғози адабиёт то ба имрӯз бо рангу шеваҳои гуногун вориди анвои адабӣ гардида, барои ташаккули навъҳои нави бадеӣ замина мегузоранд ва дар роҳи пешбурди адабиёти ҳазорсолаи форсу тоҷик хидмат мекунанд» (автореферат, с. 3).

Муаллиф зарурати интихоби мавзуъро, аз як тараф, ба муайян кардани нақши фолклор дар ташаккули тафаккури бадеӣ вобаста медонад, аз тарафи дигар, ҷанбаҳои фарҳанги мардумӣ, мавқеи унсурҳои фолклорӣ ва таъсири онҳоро дар ҳикояву қиссаҳои Раҳим Ҷалил ҳадафи кори илмӣ қарор медиҳад.

Аҳаммият ва бунёди илмии мавзуъ дар он аст, ки бархе аз маводи фолклорӣ дар он бори аввал фароҳам омада, чун санади илмӣ мавриди таҳқиқ қарор ёфтаанд. Чунин тарзи таҳлилу таҳқиқ барои фолклоршиносӣ рӯйдоди нав буда, ба мақсаду вазифаҳои илмии муаллиф мувофиқат менамояд.

Боби аввали диссертатсия «Нақши фолклор дар ташаккули тафаккури бадеӣ ва ҷойгоҳи он дар ашъори Раҳим Ҷалил» аз ду фасл – «Эҷодиёти лафзии халқ ва таъсири он ба тафаккури бадеии Раҳим Ҷалил» ва «Истифодаи унсурҳои фолклор дар шеърҳои Раҳим Ҷалил» иборат аст.

Дар боби аввал кӯшиш ба харҷ рафтааст, ки ҷанбаҳои фолклорӣ, нақши онҳо дар ташаккули тафаккури бадеӣ ва услуби нависанда муфассал таҳлил шавад. Бино ба таҳқиқи муаллиф «эҷодиёти лафзии халқ манбаи илҳом ва сарчашмаи муҳимми эҷоди нависандагону шоирон аст, ки эҷодиёти Раҳим Ҷалил аз он истисно нест. Нависанда дар муҳите ба камол расид, ки таъсири эҷодиёти халк ба камолоти маънавияш баръало эҳсос мегардид. Раҳим Ҷалил дар замони наврасиву ҷавониаш шоҳиди бисёр анъанаҳои мардумӣ ва сомеи асарҳои фолклорӣ гашта буд, ки таъсири мусбати онҳоро дар осори нависанда равшан ба мушоҳида мегирем. Ӯ на танҳо ба нависандагӣ иштиёқ дошт, балки ба ҷамъовариву таҳия ва нашри анвои гуногуни фолклор саъй намуд» (автореферат, саҳ. 9).

Ин нуктаҳо дар боби аввал ҳадафи гуфтугӯи муаллиф қарор гирифтанд.

Боби дувуми диссертатсия «Ҷойгоҳи фарҳанги мардумӣ дар ҳикояву қиссаҳои Раҳим Ҷалил» ном дошта, он аз ду фасл – «Ҷанбаҳои фарҳанги

мардумӣ дар ҳикояҳои нависанда» ва «Қиссаи «Маъвои дил» – хазинаи фарҳанги мардумии Хучанд» ва ҳамзамон панҷ зерфасл – «Бозтоби баъзе унсурҳои фолклорӣ дар ҳикояҳо», «Ҳаҷву мутоиба дар ҳикояҳо», «Истифодаи тарона (ашӯла), зарбулмасал, латифа, ривоят ва шугун дар «Маъвои дил», «Ҷойгоҳи фарҳанги ҳунармандӣ дар асар», «Инъикоси урфу одат ва расму ойинҳои мардумӣ дар «Маъвои дил» иборат аст, ки таҳқиқу баррасии мавзуъҳои фаслҳоро дар бар гирифта, ҷойгоҳи таркибу ибораҳои халқӣ ва образҳои маъмули ҳаҷвӣ дар ҳикояҳоро муайян менамояд.

Дар ин таҳқиқот масъалаи кашфиёти бадеӣ ва ҳақиқати зиндагӣ, истифодаи нависанда аз фарҳангу фолклори мардумӣ, инъикоси урфу одат ва расму оини мардум дар осори адиб мавриди таҳлили амиқ қарор ёфтааст.

Боби севуми диссертатсия «Мавқеи унсурҳои фолклор дар романҳои Раҳим Ҷалил ва таъсири он ба услуби нигориши ӯ» унвон дошта аз ду фасл – «Истифодаи офаридаҳои бадеии халқ дар романи «Одамони ҷовид» ва «Инъикоси фарҳанги мардумии халқҳои шӯравӣ дар романи «Шӯроб» иборат аст. Дар ин боб бузургтарин асарҳои бадеии Раҳим Ҷалил, корбурди зиёди зарбулмасалу мақол, устураву афсона, нақлу ривоятҳои мардумӣ, санъатҳои бадеии маъмул дар адабиёти шифоҳӣ ба таҳқиқ гирифта шудаанд. Муаллиф маҳорати бадеии нигорандагӣ, дониши фарҳанги гуфторӣ ва шавқу завқи беандозаи нависандаро ба забони халқ, фарҳанги мардумӣ, бахусус, эҷодиёти шифоҳии халқ дар роҳи ифодаи фикру андеша, инъикоси вазъият ва таъмини халқияту ҷаззобии асар таҳлил намуда, ба хулосаҳои назаррас омадааст.

Дисертатсия аз арзиши хуби назарӣ ва илмӣ бархурдор аст. Дар он бори аввал нуктаҳои назарӣ аз таъсири фолклор ба адабиёти бадеӣ, тафаккури эҷодӣ ва услуби нигориши нависанда рӯйи кор омадааст.

Аз мутолиаи диссертатсия ба хулосае омадан мумкин аст, ки мавқеи фолклор дар эҷодиёти нависанда аз мавзуъҳои меҳварии фолклоршиносӣ буда, асарҳои ӯ аз унсурҳои муҳимми фолклорӣ фароҳам омадаанд. Рисола аз нуктаҳои нави илмӣ фароҳам омада ва барои фолклоршиносии тоҷик арзиши хуб хоҳад дошт.

Баробари комёбиҳо дар диссертатсия баъзе камбудиву норасоиҳо низ ба назар мерасанд, ки зикри онҳоро зарур ва ба манфиати кор меҳисобем:

1. Ба назар чунин расид, ки баъзе намунаҳое, ки ҳамчун мақол зикр шудаанд, дар асл зарбулмасал мебошанд.
2. Барои боз ҳам боло рафтани арзиши илмии рисола шарҳу тавзеҳи масоили назарии баъзе аз жанрҳои фолклорро овардан мувофиқи мақсад менамояд.

Ин камбудиву норасоиҳо арзиши аслии тадқиқоти диссертантро кам намекунанд.

Умуман, автореферати кори диссертатсионии Юсупова Мусабе Исломовна таҳти унвони «Ҷанбаҳои фолклории эҷодиёти Раҳим Ҷалил ва нақши онҳо дар тафаккури бадеӣ ва услуби эҷодии нависанда» дар фолклоршиносии тоҷик таҷрибаи нахустин буда, таҳқиқоти илмии ба анҷом расида аст. Он дорои ҷанбаҳои муҳимми илмию амалӣ буда, ба талаботи Низомномаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ аст ва муаллиф барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.00 – Адабиётшиносӣ (10.01.09. – Фолклоршиносӣ, 10.01.01. – Таърихи адабиёти тоҷик) сазовор мебошад.

**Муқарриз:**
Доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисос филология, дотсент, мудири кафедраи адабиёти тоҷики Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ Шамшоди Ҷамшед

«13» августи соли 2024

**Суроға:** 735360, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Кӯлоб, маҳ. Ориёно 2/32
Тел: (+992) 918906365
E-mail: mr.shamshod93@mail.ru

Имзои Шамшоди Ҷ.-ро тасдиқ мекунам:
Сардори РК КМ ДДК ба номи
Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ: Амиров Ф.

«13» августи соли 2024

**Суроға:** 735360, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Кӯлоб, маҳ. С.Сафров 16
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб
ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ
Тел: +992 (3322) 2-35-06;
E-mail: info@kgu.tj